« ТАСДИҚ  МЕКУНАМ»
Сардори кафедраи ҳифз
дар ҳолатҳои фавқулодда,
капитани  милитсия
___________Нуруллозода М
“____”______________  2019

Л Е К С И Я

(Аз фанни асосҳои омдагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда )

Мавзӯъ № 2. «Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои эвакуатсионӣ хангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда”

Мураттиб. майори милитсия                    Одинабеков Ш. А.

Душанбе - 2019

Нақша
Сарсухан
**Саволи якум:**.Маълумоту умуми дар бораи садамаҳое, ки дар ЧТ рух *медиҳанд*
**Саволи дуюм**:.Усули пешгӯии оқибатҳои эҳтимолӣ ва муайян намудани хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда»
**Саволи сеюм.** Ташкили чорабиниҳо оид ба бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда

Сарсухан

***САДАМА-*** вазъияти фавқулоддаи хусусияти техногени дошта мебошад, ки бо сабабҳои истеҳсолӣ, конструктивӣ, технологӣ, истифодабарӣ ё ин ки дар натиҷаи сар задании таъсири беруна ба амал омада, боиси аз кор баромадани таҷҳизотҳо, вайроншавии техникӣ ва иншоот гардидааст. Фалокати нақлиёти ва истеҳсолӣ- ин садамаи бузурге мебошад, ки ба инсон хатарнок аст ва боиси хисороти зиёд ва марги одамон гардидааст. Ҳангоми ба садам дучор гардидани мошинолоту агрегатҳо ва қисми онҳо раванди истеҳсолот вайрон мегардад ва метавонад боиси хатар ба ҳаёти инсон гардад. Садамаи калони истеҳсолӣ ин аз кор баромадани раванди технологӣ дар сех ё ин ки дар иншооти бузурги истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи сар задани садамаҳои бузурги истеҳсолӣ сӯхтор, таркиш, харобгардонӣ ва чаппа шудани биноҳо, аз газҳои заҳролуд пур шудани дохили онҳо ва бо моддаҳои захролуд ва дигар манбаъҳои хатарнок фаро гирифтани онҳо аз эҳтимол дур нест. Дар натиҷаи он таъсиррасонии гуногун ба инсон пайдо мешавад.

***Сабабҳои пайдоиши садамаҳо инҳо мебошанд:***

- вуҷуд доштани камбудиҳо дар лоиҳакашии корхонаҳо, риоя нагардидани қоидахои техникаи бехатарӣ, мавҷуд набудани назорати доимӣ аз болои истеҳсолот ва махсусан истифодабарии маводҳои зуддаргиранда ва таркандаи зараровар;
- пайдо шудани садамаҳо дар корҳонаҳои дар наздикӣ ҷойгиршуда ва шабакаҳои барқӣ ва газӣ;
- офатҳои табиие, ки ба пайдоиши сӯхтор мусоидат менамояд;
- пайдоиши садамаҳо дар корхонаҳое, ки бо моддаҳои заҳролуди кимиёвӣ сару кор доранд;

***САБАБҲО:***

- садамаҳо ҳангоми кашонидани маҳсулотҳои кимиёвӣ;

- заҳролудшавии маҳсулотҳои ғизоӣ ва муҳити атроф дар натиҷаи дар сатҳи зарурӣ истифода бардани маводҳои кимиёвӣ;
- хароб шудани системаҳои технологӣ;
- хатарҳои табиӣ (заминларза, лағжишҳо);
- сӯхторҳо;

Новобаста ба маҳали ба фалокат дучоргардида наздик будан.

- Инсон, иншоотҳо, ҳайвоноти хонагӣ, майдонҳои кишт, инчунин муҳити атроф бештар ба фалокатҳо дучор мешаванд, лекин моддаҳое, ки ба атмосфера паҳн мешаванд тариқи шамол аз ҷои ҳодиса ба масофаи садҳо километр дур бираванд;
- Мавҷуд набудани чораҳо оиди риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва нақшаи эвакуатсия;
- Сатҳи пасти маърифатнокии аҳолӣ дар бораи хтарҳои эҳтимолан таъсиррасонанда;

Садамаҳо оқибатҳи гуногун доранд, ки ин омил аз хусусияти истеҳсолот низ вобастагӣ дорад. Аз ҳама бештар садамаҳои таркишӣ рӯй медиҳанд, ки боиси харобшавии бино ва иншоотҳо гардида, сӯхторҳо ба амал меоянд. Дар натиҷаи сӯхтор заҳролудшавии инсон бо газҳои заҳролудкунанда, таъсири қувваи барқ, заҳролудшавии маҳал бо моддаҳои пуртаъсир ва радиактивӣ аз эҳтимол дур нест.

**Тарз ва усули паст намудани таъсири садамаҳо:**

- Чорабиниҳои иҷтимоӣ;
- Чорабиниҳои муҳандисӣ;
- Банақшагирӣ;
- Чорабиниҳои иқтисодӣ;
- Чорабиниҳо оиди идоракунӣ ва ташкилӣ.

## ***ЧОРАҲОИ ИҶТИМОӢ:***

Паст намудани хатар танҳо дар сурат амалӣ мегардад, ки ҳамаи тарафҳои ба ҳолатҳои фавқулодда фарогирифта бояд тайёрии зарурӣ бинанд. Ба нақшагирии паст кардани хатар бояд дар чаҳорчӯбаи «маданияти бехатарӣ» фаро гирифта шуда, дар он тамоми қишри ҷомеъа бояд ширкат дошта бошанд ва оиди чи тавр худ ва аҳли оилаи худро ҳангоми сар задании офати табиӣ муҳофизат карда тавонанд.

Омӯзиши аҳолӣ ва қобилияти фаҳмоишии ҷомеъа бо тарзҳои гуногун фаро гирифта мешаванд: кӯтоҳмуддат-ширкатҳо бо фаъолияти гуногуни амалиёт бо истифода адабиётҳо, лавҳаҳо, инчунин дарозмуддат- тариқи маълумоти умумии мактабу донишгоҳҳо.

Мақсад аз ташкил намудани чунин муҳити иттилоотӣ аз он иборат аст, ки аҳолӣ ҳудуд ва таъсири офати табииро ҳис намуда барои пешгирӣ намудани он тайёрӣ мебинад. Ҳамчунин ӯ иттилоъ пайдо мекунад, Ки

дар ҳолати Сар задании фалокат дар кадом мавқеъ ҷойгир шавад. (ҷойгиршави дар манзили истиқоматӣ, ҷойгир намудани ҷевони китобҳо, сифати деворҳои ҳавлӣ, боғ ва ғайраҳо).

Банақшагирии паст намудани хатарро инчунин дар якҷоягӣ бо намояндагони мақомоти давлатии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми сӯҳбату вохӯриҳо дида баромадан танҳо фоидаовар мебошад. Дар беморхонаҳо, мактабҳо, ташкилоту муассисаҳо мунтазам омодагии ҳайтаи шахсӣ ва дигаронро ҳангоми сар задании офатҳо (заминҷунбӣ, обхезӣ, таркиш, сӯхтор ва ғайра) санҷидан танҳо фоидаовар мебошад. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки дониши онҳо мустаҳкам шуда, дар ҳолатҳои фавқулодда ба онҳо ёрӣ мерасонад.

## ***<u>ЧОРАБИНИҲОИ МУҲАНДИСӢ:</u>***

Чорабиниҳои муҳандисӣ аз гузаронидани корҳои азими муҳандисӣ то устувор намудани биноҳои хусусӣ ва иншоотҳои хурдро дар бар мегирад. Корҳои роҳбарӣ бе гузаронидани корҳо дар амал наметавонад ***<u>эффективӣ</u>*** бошад, ҳангоме, ки онҳо аз тарафи ҷамъият ба қадри зарурӣ фаҳмида намешаванд. Омӯзиши сохтмончиёни маҳаллӣ ба масъалаҳои устуворгардонии иншоотҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ яке аз роҳҳои паст намудани таъсирасонӣ мебошад.

## ***<u>ЧОРАБИНИҲОИ БАНАҚШАГИРӢ:</u>***

Нақши асосиро дар паст намудани таъсирасонӣ ин ҷойгир намудани иншоотҳои хадамотҳои коммуналӣ, беморхонаҳо ва шабакҳои алоқа бо дарназардошти хатраҳои эҳтимолӣ мебозад.

## ***<u>ЧОРАБИНИҲОИ ИҚТИСОДӢ:</u>***

Аз ҳама бештар ба ҳодисаҳо ва фалокатҳо элементҳои хоси инфраструктура, ки бо дигар секторҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд фарогир мешаванд. Тарз ва усули паст кардани таъсирасонӣ ин гуногунсохтории иқтисодиёт мебошад. Иқтисодиёти пешрафта бешатар ба фалокату ҳодисаҳои фавқулодда истодагарӣ менамояд. Ҳангоми мавҷудияти иқтисодиёти пешрафта ҳукумат метавонад аз фишангҳо (стимул)-и иқтисодӣ барои мукофотонидани шахсият ва идораи алоҳида, ки дар бартараф намудани оқибати ҳолатҳои фавқулодда ширкат меварзанд, истифода барад.

## ***<u>ЧОРАБИНИҲОИ ИДОРАКУНӢ ВА ТАШКИЛӢ:</u>***

Ташкил намудани системаи паст намудани таъсирасонӣ вақти зиёдеро талаб мекунад. Барои таъмин намудани роҳбарикунӣ дар сатҳи баланд, зарур аст, ки барномаи дастгирии давлатии омӯзишӣ, тренингҳо ва рушди пажуҳишгоҳҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда шавад.

***<u>САВОЛИ №2: «Усули пешгӯии оқибатҳои эҳтимолӣ ва муайян намудани</u>***

***хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда»***

Ҳангоми Сар задании фалокатҳо дар иншоотҳои саноатӣ, асосан дар корхонаҳои кимиёвӣ ба атмосфера миқдори зиёди моддаҳои таъсирнок пош мехуранд. Ҳангоми харобшавии қубурҳои ғазгузар ба муҳити атроф химикатҳои таъсирнок ва газҳои гуногун партофта мешаванд. Ҳангоми фаъолият дар корхонаҳои кимиёвӣ ва нерӯгоҳҳои атомӣ эҳтимоли ба атмосфера партофтани моддаҳои заҳролуди пуртаъсир (СДЯВ) ва радиактивӣ ба миён биёяд. Моддаҳои заҳролуди бо ҳаво ва об омехташуда метавонад ба масофаҳои дур паҳн гардад.

**Фалокати** нақлиёти ва истеҳсолӣ- ин садамаи бузурге мебошад, ки ба инсон хатарнок аст ва боиси хисороти зиёд ва марги одамон гардидааст

***оқибатҳои хоси фалокатҳо:***

- Харобшавии биною иншоотҳо ва инфраструктура. Садамаҳое, ки ҳангоми кашонидани маводҳо рӯй медиҳанд ба худи воситаи нақлиёт ва дигар иншоотҳое, ки дар наздикии он ҷойгир шудаанд, таъсир мерасонад. Ҳангоми сӯхтор дар корхонаҳои саноатӣ ҳарорати алангаи оташ хеле баланд мебошад, Ки ба паҳншавии он ва фаро гирифтани ҳудудҳои нав мусоида менамояд.

Паст намудани сатҳи таъсирасонӣ аз бартараф намудани сабаби он манша мегирад. Маълум аст, ки бисёр намуди офати табииро пешиpгирӣ намудан ба монандаи, заминҷунбӣ, сел ва дигарон аз эҳтимол дур аст. Аз ин лиҳоз мо метавонем танҳо ба оқибати онҳо диққат диҳем. Таҷриба нишон медиҳад, ки таъсири як қатор офати табиӣ метавонад камтар ба назар бирасад. Масалан: сарбандкунии дарёхо метавонад хатари зери об мондани ҳудудҳои гуногунро паст намояд.Истифодаи деворҳо ва беҳтар намудани ҳолати дренажҳо дар зери кӯҳпораҳо ба пешгирӣ намудани лағжишу тармафарой мусоидат намояд.Дар бисёр мавридҳо шинонидани дарахтон пеши роҳи обхезиро гирифта метавонад.

Маълум аст, ки усули аз ҳама маъмултарин ин дидани чораҳои пешгири намудани садамаҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад.

Суҳтор, партофтани моддаҳои кимиёвӣ ба фазо, садамаҳои технологӣ ва нақлиётӣ- ин фалокатҳое мебошанд, ки садди роҳи онҳоро гирифтан мумкин аст. Стратегияи асосии паст намудани таҳдиди онҳо ин чораҳо оиди пешгирӣ ва таъсири камтари садамаҳо мебошад.

**Саволи №3: «Ташкили чорабиниҳо оид ба бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда**

Чорабиниҳое, ки қаблан барои паст кардани талафот дар минтақаи ба заминҷунбӣ гирифторшуда, равона карда мешаванд. Барои он, ки ягон намуди чорабиниро ҷиҳати паст намудани сатҳи таъсиррасонӣ,

талафоти ҷонӣ ба нақша гирем, зарурати донистани мавқеъ ва маҳали пайдоиши заминҷунбӣ ба миён меояд. Дар чунин минтақаҳо зарурати гузаронидани чорабиниҳо оид ба омодагии аҳолӣ ва нерӯҳои ғайриҳарбии МГ, огоҳкунӣ пешбини карда шавад. Барои огоҳкунӣ аз ҳамаи имкониятҳои дар ситоди МГ буда, истифода бурдан қобили қабул мебошад.

Чорабиниҳо оиди пешгирӣ намудани оқибатҳои обхезӣ. Обхезӣ дар бисёр маврид дар минтақаҳои муайян рӯй медиҳанд. Аз ин лиҳоз дар ин минтақаҳо бояд чорабиниҳо оиди пешгирӣ ва паст намудани таъсири он гузаронида шаванд. Дар минтақаҳое, ки обхезӣ мунтазам рӯй медиҳанд бояд пешбандҳо, сарбандҳо ва дигар иншоотҳои гидротехникӣ сохта шаванд, ки онҳо ҷараёни обро ба танзим медароранд. Дар ҷойҳои тангу пурпечутоби дарёҳо бояд корҳои кушод кардани гарданаҳо ва ҷуқур кардани онҳо гузаронида шаванд. Барои пешгири намудани тҳдиди обхезӣ аҳолӣ бояд пешаки огоҳ карда шавад, ки боиси нигоҳ доштани талафоти ҷонӣ ва арзишҳои моддӣ мегардад.

Ҳангоми гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дар шароити сӯхтор бояд тасавуроти истифодабарии асбобҳои дар зери даст буда, тақвият бахшида шавад (об, қум, асбобҳои оташхомӯшкунӣ ва ғайраҳо). Обро ҳамчун воситаи хомӯшкунии модаҳои кимиёвӣ истифода набаред, чунки онҳо бо ин моддаҳо ба реаксияи кимиёвӣ мубаддал гашта боиси сар задании дигар фалокат мешавад. Инчунин барои хомӯш кардани сӯхтор, ки аз ноқили барқӣ сарчашма мегирад бояд об истифода бурда нашавад, чунки дар ин ҳолат ҳам сар задании дигар фалокат аз эҳтимол дур нест. Инчунин қуми таршударо низ барои хомӯш кардани қисматҳои барқи истифода бурдан қобили қабул нест. Оташхомӯшкунакҳои кафкдор низ танҳо барои хомӯш кардани сарчашмаҳои сӯхтор (ба ғайр аз манбаҳои барқӣ) истифода бурда мешаванд. Барои хомӯш намудани манбаи сӯхтор, ки аз барқ манша мегирад хомӯшкунакҳои углекислотадор истифода мешаванд. Ҳангоми иҷрои АСНДР дар минтақаи сӯхтор аз противогазҳо истифода бурдан зарур аст.

Инчунин ба минтақаи осебдида, хонаҳо, харобазорҳо бе зарурат ворид шудан, инчунин дар зери биноҳои осебдида истодан қатъиян манъ аст. Дар дохили биноҳои зарардида аз оташ истифода кардан мумкин нест. Агар ба димоғ бӯи газ бошад, ҳатман дару тирезаҳоро кӯшода дар бораи он ба роҳбари корҳо мурочиат намоед. Ҳамаи қитъаҳои хатарнок баста шуда дар назди онҳо лавҳаҳо, таблицаҳо ва нишонаҳои огоҳкунӣ монда мешавад. Дар гирдогирди биноҳое, ки таҳдиди афтидан доранд занҷираи зинда монда мешавад. Шабакаҳои барқи ва дигар шабакаҳои комуналӣ аз бинои харобгардида қатъ карда мешаванд. Шабона қитъаҳое, ки дар онҳо корҳои садамавӣ барқароркунӣ гузаронида мешаванд бо прожекторҳо ва дигар манбаҳои рӯшноӣ таъмин карда

мешаванд. Ҳамаи корҳои зарурӣ бояд то фарорасии торикӣ гузаронида шаванд.